## ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Соқиева Парвина Зафаровна дар мавзуи «Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун») барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) тоҷик пешниҳод мегардад.**

Доир ба маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ муаллифони сарчашмаҳои қадимӣ ва донишмандони муосир зиёд дахл карда бошанд ҳам, аммо то ба имрӯз баъзе паҳлуҳо ва нуктаҳое марбут ба ҳунари шоирии адиб ниёз ба баррасӣ ва диди нав доранд. «Хамса»-и Низомӣ, ки то имрӯз дар атрофаш даҳҳо таҳқиқот чи аз ҷониби муҳақиқони хориҷӣ ва чи ватанӣ ба анҷом расидаанд, ҳоло ҳам нуктаи назари тозатареро хостгор аст. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки диссертатсияи Соқиева Парвина дар мавзуи «Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун») кори нав дар мавзуи низомишиносӣ буда, аз бисёр ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ аст. Масъалаҳое, ки муаллифи диссертатсия мавриди баҳс қарор додаст, аз ҷустуҷӯи навини вай дар ин росто гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Соқиева П.З. аз муқаддима, се боб, зербобҳо ва фаслҳои алоҳида, хулосаву китобнома иборат мебошад.

Дар муқаддима муаллиф кӯшиш кардааст, ки мақсаду ҳадафи таҳқиқи хеш, чигунагии таҳқиқ, равиш ва дигар хусусиятҳои марбут ба мавзуи таҳқиқро баён намояд. Инчунин муаллиф роҷеъ ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омузиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, сарчашмаҳо, навгониҳо ва дигар лавозимоти масъалаи илмии таҳқиқотшаванда маълумоти дақиқ додааст.

Дар боби якуми диссертатсия - «Назари Низомии Ганҷавӣ ба сухан, шеъру шоирӣ ва эҷоди бадеӣ» андешаҳои Низомии Ганҷавӣ роҷеъ ба сухан ва мақоми суханвар, ҳунару маҳорати шоирӣ ва хусусиятҳои эҷоди бадеӣ мавриди омӯзиши муфассалу ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Боби дуюми кор «Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ дар баёни сохту муҳтавои достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун» унвон дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин қисмати кор муҳаққиқ сохту муҳтавои достонҳои зикршудаи «Хамса»-ро мавриди таҳлил қарор дода андешаҳои худро роҷеъ ба образҳои марказӣ, дуюмдараҷа ва симоҳои ёридиҳандаи достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун» баён кардааст. Яке аз муваффақиятҳои диссертант таҳлили қиёсии симоҳои асосӣ ва ёридиҳандаи достонҳои номбурда мебошад.

«Корбурди ҳунармандонаи забону баёни бадеъ дар достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ» боби сеюми кор буда, аз шаш зербоб фароҳам омадааст. Дар фаслҳо ва зерфаслҳои ин боб роҷеъ ба забону маҳорати суханофарӣ, ҳусни баён, корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ, аз ҷумла ташбеҳ, истиора, талмеҳ, истифодаи истилоҳоти мусиқӣ ва андешаҳои ахлоқии шоир дар ду достон мулоҳизаронӣ шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар боби мазкур низ муаллиф дар ҳалли масоили дарпешгузоштааш комёб гаштааст.

Дар маҷмуъ дар бобу зербобҳои диссертатсия мавзуи мавриди таҳқиқ қароргирифта ҳаматарафа ҳаллу фасл гардида, кор дар сатҳи баланди илмӣ – назариявӣ таълиф гардидааст.

Аз кор хулосаҳои дурусти илмӣ баровварда шудааст. Дар диссертатсия номгӯи 176 адабиёти илмӣ ва бадеӣ фароҳам омадааст, ки онҳо аз рӯйи тартиботи муқарраргардида дар охир оварда шудаанд. Муаллиф натиҷаи таҳқиқи хешро дар қисмати охири кор, ки ба хулоса марбут аст, дар бандҳои алоҳида оварда, баъзе тавсияҳои худро дар мавриди таҳқиқи мавзуи мазкур пешниҳод кардааст.

Мақолаҳои илмии диссертант дар маҷаллаҳои пазируфташуда ва тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба чоп расидаанд.

Автореферат бо диссертатсия мувофиқат мекунад ва мақолаҳои чопи мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад.

Бо вуҷуди муваффақияти диссертант дар таҳқиқи мавзуъ дар диссертатсия баъзе камбудиву иштибоҳоти ҷузъӣ роҳ ёфтаанд, ки баёни онҳо барои такмили минбаъдаи кор муфид хоҳад буд:

1. Дар унвони кор шарҳу тафсили иловагие намерасад. Танҳо «маҳорати шоирӣ» гуфтан, ба назари мо, як навъ нопуррагиву номукаммалӣ дар номгузории як рисолаи диссертатсионӣ ба ҳисоб хоҳад рафт. Хубтар мешуд, ки баъдан, номи рисола аз ҷониби муаллиф «Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ аз нигоҳи сабки баён ва каломи бадеъ» ва ё монанди ин номгузорӣ мешуд.

2.Дар диссертатсия баъзе хатоҳои услубиву мантиқӣ дида мешавад, ки ниёз ба ислоҳ доранд.

3.Бояд таъкид намуд, ки ду достони маъруфтарини адабиёти классикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошанд ҳам дар бобҳои дуюму сеюм намунаҳои шеърӣ аз достонҳои мазкур хеле кам истифода шудаанд.

Ин эрод ва тавсияҳо характери маслиҳатӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмӣ ва аҳаммияти назариявии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Муаллиф онҳоро метавонад баъдан, барои омода намудани монография ва дигар

корҳои илмии худ ислоҳ намояд ва бад–ин тариқ, бар ҳусни кори хеш биафзояд.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Соқиева Парвина Зафаровна дар мавзуи «Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ (дар мисоли достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»), ба меъёрҳои умумии аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия пешниҳодшуда мутобиқат дошта, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) сазовор мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи назария
ва таърихи адабиёти
Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода: Давлатбеков Л. М.

Имзои д.и.ф., профессор
Давлатбеков Л. М.-ро
тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои
ДДЗ ба номи С. Улуғзода. Наҷмуддинов Ш. М.

**Нишонӣ:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Ф. кӯчаи
Муҳаммадиев 73/6. E. Mail:
Lolo davlatbekov@mail.ru.
Тел: +(992) 931924884